# Дарси 14 Маросими таъмид бо об

Ин шахси ҷавон бо номи Анвар ҳайрон аст. Соли гузашта ӯ ҳаёти худро ба Исои Масеҳ супорид. Ӯ дар имон сабзида истодааст. Ба наздикӣ як имондоро ба ӯ гуфт: «Туро лозим аст, ки маросими ғусли таъмидро гузарӣ». Аз ин сабаб дар майнаи Анвар саволҳои зиёде пайдо шуданд:

Маросими ғусли таъмид чист?




Барои чӣ ман бояд ин маросимро гузарам?

Маросими ғусли таъмид чиро нишон медиҳад?

Кай ман бояд ин маросимро гузарам?

Анвар

Биёед кӯшиш карда, ба ҳамаи саволҳои Анвар дар ин дарс ҷавоб мегардонем.

«Маросими ғусли таъмид чӣ аст?»
1 Дар Инҷил мо дар бораи он мехонем, ки чӣ тавр Яҳёи набӣ одамонро дар дарёи Ӯрдун таъмид медод. Ӯ Исоро низ таъмид дода буд. Дар замони мо пайравони Масеҳ маросими ғусли таъмидро дар дарё ё ҳавз, ба об ғӯта зада, гузаронида метавонанд. Усули дигар таъмид ин рехтан ё пошидани об мебошад.

Ин маросимро мо дар тамоми умр фақат як бор мегузарем. Ин маросим чӣ ном дорад? ______________

«Чаро ман бояд маросими ғусли таъмидро гузарам?»
2 Мо маросими ғусли таъмидро барои он мегузарем, ки ин фармони Худованд Исо мебошад. Ӯ гуфтааст:

> «Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед». (Матто 28:19)

Ин ояти муҳим мебошад. Лутфан, ҳозир онро аз ёд кунед.

3 Чун нишонаи итоат ба фармудаҳои Масеҳ ҳаворӣ Петрус ба издиҳоми бузург дар Ерусалим гуфт: *«Тавба кунед ва ҳар яке аз шумо ба исми Исои Масеҳ барои омурзиши гуноҳҳо таъмид гиред»* (Аъмол 2:38). Дар он рӯз се ҳазор одамон тавба карданд ва таъмид гирифтанд!

Чаро ман бояд маросими ғусли таъмидро гузарам? *(Танҳо як намуди ҷавоброқайд кунед)*
___ а) Чунки ман ин маросимро гузаштан мехоҳам
___ б) Чунки дӯстони ман мехоҳанд, ки ман ин маросимро гузарам
___ в) Чунки Худованд Исо амр кардааст

«Маросими ғусли таъмид чиро нишон медиҳад?»




*А) Ман дар Масеҳ шахсияти нав ҳастам*

4 Баъзеҳо аз ғӯта задан ба об метарсанд. Натарсед, дар вақти маросим одамон ба об танҳо барои чанд сония ғӯта мезананд, ва ин хавфнок нест. Ин маросим рамзи муҳими он аст, ки ҳангоми ба Масеҳ омадани мо дар зиндагии мо чӣ ҳодиса рӯй медиҳад. Ин ба он монанд аст, ки шахс бо табиати кӯҳнаи мо ба об ғӯта зада, боз ба ҳаёти нав бо Масеҳ мебарояд!

Дар байни амалҳо ва маънои онҳо хат кашед:

| *<u>Амалҳо</u>* | *<u>Маъно</u>* |
|---|---|
| а) Ғӯта задан ба об | 1. Ман дар Масеҳ чун одами нав бармехезам |
| б) Баромадан аз об | 2. Табиати кӯҳнаи ман мурдааст |

5 Ҳамин тариқ, маросими ғусли таъмид нишонаи он мебошад, ки ҳаёти кӯҳнаи ман ба охир расидааст, ва акнун ман одами нав дар Масеҳ мебошам. Каломи Худо мегӯяд:

> «Пас мо дар мамоташ таъмид ёфта, бо Ӯ дафн шудаем, то ки чунон ки Масеҳ бо ҷалоли Падар аз мурдагон эҳё шуд, ончунон мо низ дар ҳаёти нав қадамгузор шавем»
> (Румиён 6:4)

Кадом ҳақиқати аввалро маросими ғусли таъмид нишон медиҳад? *(Ҷавоби дурустро давра кашед)*
[Ман одами нав дар Масеҳ мебошам / Ман ҳоло низ табиати кӯҳна дорам]

6 Агар шумо аллакай маросими ғусли таъмидро гузаштаед, ҳангоми аз об баромадан чӣ гуна ҳиссиётҳо шуморо пур кард? Дар вақти муҳокимаронӣ барои гуфтугӯ кардан оиди ин тайёр бошед.

7 Бахтиёр аз дини пештараи худ баромада, ба Масеҳ омад. Ана вай баъд аз таъмид гирифтан ҳиссиёти худро чунин баён мекунад:

> «Ман ҳис кардам, ки барои ҳаёти кӯҳнаи гуноҳкорона мурдам, ва ҳаётамро ба Худо додам, ва акнун одами нав ҳастам. Ман на он Бахтиёр ҳастам, ки дӯстонам медонистанд, на он касе, ки шайтон медонист, ман Бахтиёри нав – бахшидашуда, аз нав таваллудшуда, бо Рӯҳ ҳидоятшаванда. Бахтиёри кӯҳна мурд, Бахтиёри нав – зинда дар Масеҳ. Ман аз об баромадам, ҳис кардам, ки ман – одами нав!»

Дар нақли овардашуда Бахтиёр чанд бор калимаи «нав»-ро истифода бурд?___
*(Қайд кунед)*

8 Таъмид кадом ҳақиқати аввалинро нишон медиҳад? Ман одами ______ дар Масеҳ мебошам.

*Б) Гуноҳҳои ман шуста шудаанд*

9 Дар Аъмол 22:16 ҳақиқати дуюми маросими таъмид гуфта мешавад: *«Бархез ва таъмид бигир ва аз гуноҳҳои худ пок шав».*



Дар асоси ин оят маросими таъмид кадом ҳақиқатро нишон медиҳад?
*(Як намуди ҷавобро қайд кунед)*

___ а) Ман одами нав дар Масеҳ мебошам
___ б) Гуноҳҳои ман шуста шудаанд

10 Мо аз таҷриба медонем, ғусли нопурра (*таҳорат)* ва ҳатто ғусли пурра моро аз гуноҳҳо пок карда наметавонанд. Об танҳо бадани моро мешӯяд, вале дилу виҷдони моро шуста наметавонад.

Новобаста ба ин маросими таъмид аломати зоҳирии покшавии дарунӣ мебошад, ки Масеҳ дар қалби мо ба амал меорад. Ӯ дар салиб мурд, то ки ин кор имконпазир гардад. 1 Юҳанно 1:7-ро хонед *(ба он диққат диҳед, ки 1 Юҳанно бо Инҷили Юҳанно як китоб нест. Ин китобро дар Мундариҷа ёбед)*.

Дар асоси 1 Юҳанно 1:7 чӣ моро аз ҳар гуноҳ тоза мекунад?
______________________________

11 Ҳавворӣ Петрус низ, ки бисёр одамонро дар давоми умри худ таъмид медод, дар 1 Петрус 3:18-22 оиди таъмид навишта буд. Ин порчаро тафсир кардан мушкил аст. Вале мазмуни асосии он чунин аст:

- Наҷоти мо бо воситаи азобҳои Исо (ояти 18) ва эҳёи Ӯ (ояти 21) имконпазир шудааст
- Об ин рамзи наҷоти мост (ояти 21), чуноне ки ҳам барои Нӯҳ буд (ояти 20)

Кадом маросим ба ман хотиррасон мекунад, ки гуноҳҳои ман шуста шудаанд? *(Як намуди ҷавобро қайд кунед)*

___ а) Бо об таъмид гирифтан
___ б) Тӯйи ман
___ в) Дафни ман

*В) Ман ба ҷамоати Масеҳ шомил шудам*

12 Маросими ғусли таъмидро гузашта, мо ҷамоати умумиҷаҳонии имондорон (*уммаи* Масеҳ) ҳамроҳ мешавем. Мо – мардон ва занон аз миллатҳои гуногун мебошем, вале мо муттаҳид шудаем: *«Бар тибқи як Рӯҳ дар як бадан таъмид ёфтаем»* (1 Қӯринтиён 12:13).



Ҳақиқати сеюм, ки маросими таъмид нишон медиҳад, аз чӣ иборат аст?
Ман ба _____________ Масеҳ шомил шудаам.

13 Маросими ғусли таъмид на танҳо барои шумо, балки барои тамоми ҷамоати Масеҳ гузаронида мешавад. Онҳо шоҳидони таъмид гирифтани шумо мегарданд ва дар анҷоми маросим чунин гуфта метавонанд:

| |
|---|
| «Мо аз ҳамроҳ шудани ту ба оилаи Худованд хурсанд ҳастем. Мо ҳама якҷоя аъзоёни бадани Масеҳ мебошем; Мо ҳама якҷоя фарзандони як Падари Осмонӣ мебошем; мо ҳама ворисони Подшоҳии Худо ҳастем. Хуш омадед!» |

- *Чӣ хушбахтист, ки «халқи интихобкардаи Худо» моро пазироӣ мекунад!* Таваққуф кунед ва Худоро барои бародарону хоҳарон дар Масеҳ шукр гӯед.

*14* Маросими ғусли таъмид кадом се ҳақиқатро нишон медиҳад? *(Ҷойҳои холиро пур кунед)*
а) Ман одами _____ дар Масеҳ мебошам
б) _________ ман шуста шудаанд
в) Ман ба ____________________Масеҳ шомил шудаам

Анвар аз фаҳмидани ин се ҳақиқат хурсанд буд. Акнун вай мепурсад:

«Ба хотири наҷоти ман оё зарур аст, ки таъмид гирам?»

15 Аз як тараф, ин маросим барои наҷот муҳим нест, чунки мо бо воситаи имон ба Масеҳ наҷот дорем, на бо воситаи ғусл бо об. Вале ба ҳар ҳол, маросими ғусли таъмид амри Масеҳ аст! Чуноне ки мо аллакай дидем, ин маросим аломати муҳими мансуб будан ба Масеҳ ва ба ҷамоати Ӯ мебошад. Бинобар ин шумо бояд маросими ғусли таъмидро дар вақти муносиб гузаронед.

а) Дар бисёр маданиятҳо, ангуштарии ақди никоҳ дар дасти одам нишонаи чист? ____________________________

б) Гарчанде ки ангуштарӣ шарти ҳатмии хонадоршавӣ намебошад, ба ҳар ҳол ин аломати муҳими вафодорӣ ба кӣ мебошад? ______________

в) Ба ин монанд, вақте ки мо таъмид мегирем, ба кӣ дар бораи вафодории худ эълон мекунем? _____________

16 Ба воситаи маросими таъмид мо нишон медиҳем, ки аз мансуб будан ба Худовандамон Исои Масеҳ фахр мекунем. Ҳамчунин мо аз он хурсанд ҳастем, ки оиди ин ба хоҳар ва бародарони худ дар Масеҳ нақл карда метавонем. Шояд, аз шумо хоҳиш кунанд, ки пеш аз гузаронидани маросим «шаҳодати худатонро нақл кунед». Ин чунин маъно дорад, ки шумо кӯтоҳакак, чӣ тавр Исо ҳаёти шуморо дигар кард, гуфта метавонед.

Биёед ҳозир кӯшиш мекунем. Тасаввур кунед, ки шумо пеш аз гузаронидани маросим шаҳодати худро нақл мекунед. Вақте ки роҳбар аз шумо мепурсад: «Исои Масеҳ ба ҳаёти <u>шумо</u> кадом дигаргуниҳо овард?», шумо чӣ ҷавоб медиҳед?
*Он чиро ки нақл кардан мехоҳед, нависед ва барои муҳокимаронӣ кардан тайёр бошед. Агар хоҳиш дошта бошед, он чиро ки дар дарси 2, саволи 15 навишта будед, дида метавонед. Вале дар ин ҷо шаҳодати худро муфассалтар нависед.*
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________

17
а) Оё барои наҷоти шумо гузаштани маросими таъмид зарурияти комил дорад? [Ҳа / Не]
б) Оё маросими ғусли таъмид аломати муҳими мансубият ба Масеҳ мебошад?
[Ҳа / Не]




«Кай ман бояд маросими ғусли таъмидро гузарам?»

18 Баъзе имондорон маслиҳат медиҳанд, ки пас аз имон овардан ба Масеҳ одам бояд зуд таъмид гирад. Дигарон чунин мешуморанд, ки то мустаҳкам гардадидани имони одам интизор шудан лозим аст. Ба маслиҳатҳои онҳо диққат диҳед, лекин ба Рӯҳи Худо низ гӯш кунед. Худи Худо шуморо дар ин корӣ ҷиддӣ роҳнамоӣ мекунад. Ҳангоме ки вақти муносиб фаро мерасад, шумо худ инро дар уалбатон эҳсос менамоед.

Агар тайёр набошед, ба одамон иҷозат надиҳед, ки шуморо шитоб кунонанд. Вале ҳамчунин, агар Худо гӯяд ки вақт фаро расидааст, ба вақти дигар мавқуф нагузоред.

Кадоме аз қарорҳои зерин оқилона хоҳад буд? *(Ду ҷавобро қайд кунед)*

___ а) Ба маслиҳати имондорони хирадманде, ки дар ҳаққи шумо ғамхорӣ мекунанд, гӯш диҳед
___ б) Аз таъқибот тарсида, худдорӣ кардан аз иштирок дар маросими таъмид
___ в) Чунин ҳисобидан, ки гузаштани маросими таъмид он қадар муҳим нест
___ г) Гузаштани маросими таъмид, вақте ҳис мекунед, ки Худо шуморо ба ин ҳидоят карда истодааст

19 Имондорони хирадманд дар ҳаққи шумо ғамхорӣ мекунанд ва алоқамандона ба маросими таъмид маслиҳатҳои хуб медиҳанд. Касеро аз имондорони хирадманд барои худ интихоб кунед, ки ба шумо барои тайёрӣ дидан ба таъмидгирӣ кӯмак кунад.

Агар шумо шахсеро медонед, ки алоқамандона ба гузаронидани маросими таъмид ба шумо ёрӣ расонида метавонад, дар ин ҷо аломати ишора гузоред ☐. Агар шумо шахси мувофиқро надошта бошед, аз муаллими худ пурсед.

20 Пештар мо дар бораи он фикру мулоҳиза кардем, ки барои мо имондорон маросими ғусли таъмид чӣ аҳамияте дорад. Вале барои хешовандони беимони мо он чӣ аҳамияте дорад? Барои онҳо ин аломати он аст, ки шумо ба таври кушод аз онҳо ҷудо мешавед, ки ин ба онҳо дард ва шармандагӣ меорад.

Пас, чӣ тавр мо бояд маросими ғусли таъмидро гузарем? *(Як намуди ҷавобро қайд кунед)*

___ а) Бо тарс, дар бораи ҳаёти худ хавотир шуда
___ б) Эҳтиёткорона, бо муҳаббат нисбат ба оилаи худ

*21* Аз сабаби хешовандони беимон, баъзе чораҳои бехатариро андешидан оқилона хоҳад буд. Кадом чораҳои пешакии эҳтиётиро амалӣ кардан лозим аст, то боварӣ ҳосил кунем, ки гузаштани маросими таъмид ба хешвандони мо хиҷолату шармандагӣ намеорад? *(Ақидаҳо худро нависед ва барои муҳокимаронӣ тайёр бошед)*

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

*22* Ба имондоре, ки зан ё шавҳари вай то ҳол пайрави Масеҳ нест, чӣ гуна маслиҳат дода метавонистед? Оё он имондор ҳоло таъмид гирад ё бо умеди он ки рӯзе ҳамсараш имондор мешаваду сипас якҷоя ҳар ду таъмид мегиранд, интизор шавад? *(Ақидаҳои худро нависед ва барои муҳокимаронӣ тайёр бошед.)*

________________________________________________________________

________________________________________________________________




## ДАРСИ 14. СУПОРИШИ АМАЛӢ

Агар то ҳол маросими ғусли таъмидро нагузаштаед, бо одаме, ки номашро дар саволи 19 навиштед, сӯҳбат кунед. Бо вай дар бораи он маслиҳат кунед, ки кай ва чӣ тавр шумо маросими ғусли таъмидро гузашта метавонед. Ҳамчунин аз Худо маслиҳат пурсед.

## ДАРСИ 14. ХУЛОСА

1 Оятеро, ки аз ёд кардед, нависед:
«Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед, ________________________________
____________________________________________________________ (Матто : ___)

2 Мо донистем, ки маросими ғусли таъмид аломати се ҳақиқати рӯҳонӣ мебошад. Онҳоро номбар кунед:

3 а) «Ман ______________ ________мебошам»

б) «Гуноҳҳои ман___________________ ______________»

в) «Ман ба ________________________Масеҳ шомил шудаам»

*4* Маросими ғусли таъмидро гузаштан то чӣ андоза муҳим аст? *(ба саволҳои 15-17 нигаред ва як ҷавобро давра кашед)*

Ин барои наҷоти ман муҳим аст – хеле муҳим аст – муҳим нест?

# ДАРСИ 14. ҶАВОБҲО

1 Маросими ғусли таъмид
2 Оятро аз ёд кунед
3 в)
4 а) 2 б) 1
5 Ман дар Масеҳ одами нав мебошам
6 ҷавоби худӣ
7 4
8 нав
9 б)
10 хуни Исо
11 а)
12 ҷамоат
13 тавақкуф кунед ва Худоро шукр гӯед
14 а) нав б) гуноҳҳо в) ҷамоат
15 а) одам дар никоҳ аст
б) ҳамсари худ
16 барои нақл кардани шаҳодати худ дар байни гурӯҳ тайёр бошед
17 а) Не б) Ҳа
18 а) ва г)
19 агар шахси оқилеро медонед, ки ба шумо маслиҳат дода метавонад, аломати ишора гузоред
20 б)
21 барои муҳокимаронӣ
22 барои муҳокимаронӣ